**Бо қарори**
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 16 феврали соли 2011, № 313**
**тасдиқ шудааст**

# КОНВЕНСИЯИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ

Давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, аз авҷ гирифтани терроризм, ки ба сулҳу амнияти байналмилалӣ, якпорчагии қаламрави давлатҳо, рушди муносибатҳои дӯстонаи давлатҳо ва амалӣ сохтани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон таҳдид менамояд, изҳори ташвиши ҷиддӣ намуда;

дар асоси ҳадафу принсипҳои Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид ва Хартияи Созмони ҳамкории Шанхай аз 7 июни соли 2002 амал карда;

муқаррароти Конвенсияи Шанхайро оид ба мубориза бар зидди терроризм, ҷудоихоҳӣ ва ифротгароӣ аз 15 июни соли 2001, Конвенсияи ҳамкории давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхайро дар мубориза бар зидди терроризм, ҷудоихоҳӣ ва ифротгароӣ аз 5 июли соли 2005 такмил дода;

бо назардошти он, ки ҷиноятҳои дар ҳамин Конвенсия ифодаёфта бо ҳеҷ ваҷҳ набояд ҳақ шумурда шаванд ва шахсони ҳуқуқию воқеии ба содир шуданн чунин ҷиноятҳо гунаҳкор ва (ё) ба содир шудани онҳо шарик бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд;

бо назардошти дигаргуниҳои дар фаъолияти терроризм ва микёсу хусусиятҳои амалҳои террристии баамаломада ва аҳамияти ривоҷ додани ҳамкорӣ;

зарурати тақвият додани муборизаро ба муқобили терроризм дарк намуда, бори дигар тасдиқ карда, ки ҳамаи тадбирҳои пешгирии терроризм ва мубориза ба муқобили он бояд бо риояи волоияти қонун ва эътирофи арзишҳои демократӣ, ҳуқуқӯ озодиҳои асосии инсон ва мёъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ андешида шаванд;

бо дарки он, ки танҳо тавассути ҷидду ҷаҳди муштарак ба пешгирии терроризм ва мубориза ба муқобили он муваффақ шудан мумкин аст,

ба мувофиқаи зерин расиданд:

## Моддаи 1

Конвенсияи мазкур бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризм баста мешавад.

## Моддаи 2

1. Барои мақсадҳои Конвенсияи мазкур дар он истилоҳот ва мафҳумҳои зерин истифода карда мешаванд:

1) "Тараф"- давлати иштирокчии ҳамин Конвенсия;

2) "Терроризм"- мафкураи зӯроварӣ ва амалияи таъсиррасонӣ ба қабули қарорҳо аз тарафи мақомоти ҳокимият ё созмонҳои байналмилалӣ бо роҳи содир намудан ва ё таҳдиди содир намудани зӯроварӣ ва (ё) амалиёти дигари ҷиноятконанаи вобаста ба тарсонидани аҳолӣ, ки ҳадафи он расонидани зарар ба шахсият, ҷомеа ва давлат мебошад;

3) "Амали террористӣ"- амали вобаста ба тарсонидани аҳолӣ ва таҳдид ба ҳаёту саломатии инсон мебошад, ки ба расонидани зарари калон ба моликият ё ба вуҷуд овардани фалокати экологӣ ё оқибатҳои дигар, инчунин таҳдиди содир намудани чунин амалиёт барои ба даст овардани ҳадафҳои сиёсӣ, динӣ, мафкуравӣ ва ғайра бо роҳи расонидани таъсир ба қабули қарорҳо аз тарафи мақомоти ҳокимият ё созмонҳои байналмилалӣ равона карда шудааст.

4) "Ташкилоти террористӣ":

а) Гурӯҳи ҷиноятӣ, воҳиди мусаллаҳи ғайриқонунӣ, даста ё иттиҳоди ҷиноятӣ, ки бо мақсади содир намудани ҷиноят ва (ё) содир намудани ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта ташкил карда мешаванд;

б) Шахси ҳуқуқие, ки бо дастур ё ба манфиати он яке аз ҷиноятҳои террористии дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта ба нақша гирифта, ташкил, тайёр ва содир карда мешавад;

5) "Шахси ҳуқуқӣ"- ташкилотест, ки мувофиқа тартиби муқаррарнамудани қонунгузории миллии Тарафҳо таъсис дода шуда, фаъолият мебарад.

2. Моддаи мазкур ба ин ё он қарордоди байналмилалӣ ё қонунгузории миллии ягон Тараф зиён намерасонад, ки дар онҳо муқаррарот дар бораи истифодаи васеътари истилоҳҳо ва мафҳумҳои дар моддаи мазкур истифодашаванда ба кор бурда мешаванд.

## Моддаи 3

Қонвенсияи мазкур дар мавриде истифода мешавад, ки ошкор сохтан, пешгирӣ намудан ва тафтиш кардани ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта ба манфиати қонунии бештар аз як Тараф дахолат мекунанд.

## Моддаи 4

Тарафҳо ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшонро мувофиқи Конвенсияи мазкур бо риояи принсипҳои баробарҳуқуқӣ, соҳибихтиёрӣ, якпорчагии қаламрави давлатҳо ва дахолат накардан ба корҳои дохилии давлатҳои дигар амалӣ месозанд.

## Моддаи 5

1. Тарафҳо тадбирҳои зарурӣ меандешанд, ки муносибати ҳуқуқии худро нисбати ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта муқаррар намоянд, агар:

1) ҷиноят дар қаламрави ҳамин Тараф содир шуда бошад;

2) ҷиноят дар киштии мутааллиқ ба ҳамин Тараф ё дар ҳавопаймое содир шуда бошад, ки мувофиқи қонунҳои ҳамин Тараф ба қайд гирифта шудааст;

3) ҷиноятро шаҳрванди ҳамин Тараф содир карда бошад.

2. Ҳар як Тараф муносибати ҳуқуқии худро нисбати ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта муқаррар карда метавонад, агар:

1) ҷиноят ба муқобили шаҳрванди ҳамин Тараф равона ё амалиёти террористӣ дар қаламрави он содир карда шуда бошад;

2) ҷиноят ба муқобили иншооти намояндагии ин Тараф дар хориҷа, аз ҷумла бинои намояндагии дипломатӣ ва консулгарии он равона карда, сабаби содир гардидани амали террористӣ гардида бошад;

3) ҷиноят бо мақсади маҷбур сохтани ин Тараф ба андешидан ё наандешидани ин ё он тадбир равона карда, сабаби содир шудани амали террористӣ гардида бошад;

4) ҷиноятро шахси бешаҳрванд, ки ба таври доимӣ дар қаламрави ҳамин Тараф зиндагӣ мекунад, содир карда бошад;

5) ҷиноят дар ҳавопаймое содир шуда бошад, ки онро ин Тараф истифода мебарад.

3. Ҳар як Тараф тадбирҳое меандешад, ки онҳоро барои муқаррар намудани муносибатҳои ҳуқуқии онҳо нисбат ба ҷиноятҳои дар ҳамин Конвенсия ифодаёфта истифода бурдан мумкин аст дар мавриде, ки ҷинояткори гумонбар дар қаламрави он бошад ва ин Тараф ҷинояткорро ба ин ё он Тарафи дигар намесупорад.

4. Конвенсияи мазкур амалӣ сохтани ҳар гуна муносибати ҳуқуқӣ ва ҷиноятиро мувофиқи қонунгузории миллии Тарафҳои он истисно намекунад.

5. Агар зиёда аз як Тараф ба муносибатҳои ҳуқуқӣ нисбат ба ҷинояти дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта даъво пешниҳод кунад, Тарафи дахлдор дар мавриди зарурат дар ин бора машварат хоҳанд кард.

**Моддаи 6**

1. Ҳамкории дар Конвенсияи мазкур пешбинишударо мақомоти салоҳиятдори муайяннамудаи ҳар як Тараф амалӣ месозанд.

2. Тарафҳо зимни супоридани ҳуҷҷат дар бораи ба тасвиб расондан ё огоҳ намудан дар бораи ҳамроҳ гардидани Тарафи худ ба маҳфуздорандаи Конвенсия рӯйхати мақомоти салоҳиятдори худро пешниҳод менамоянд, ки ба иҷрои ҳамин Конвенсия масъул мебошанд. Маҳфуздорандаи Конвенсия ҳуҷҷатҳоро ба Тарафи дигар мефиристад. Тарафҳо бояд ба маҳфуздорандаи Конвенсия дар бораи тамоми тағйироти дар рӯйхати мақомоти салоҳиятдорашон баамаломада фавран хабар диҳанд. Маҳфуздорандаи Конвенсия дар ин бора ба Тарафҳои дигар хабар медиҳад.

3. Мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо роҷеъ ба масъалаҳои пешбининамудаи Конвенсияи мазкур дар доираи ваколатҳояшон ҳамкорӣ мекунанд. Сохторҳои минтақавӣ ва сохторҳои дигари мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо бо мақсади амалӣ сохтани Конвенсияи мазкур мувофиқи тартиби муаяйннамудаи мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо равобити мустақимро муқаррар карда метавонанд.

4. Ҳамкории мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо дар шакли дуҷонибаю бисёрҷониба дар заминаи дархост роҷеъ ба расонидани кӯмак, инчунин бо роҳи хабар додану огоҳ намудан бо ташаббуси мақоми салоҳиятдори яке аз Тарафҳо ба роҳ андохта мешавад.

5. Дар ҷараёни ҳамкорӣ аз мақомоти дипломатӣ, аз Созмони байналмилалии политсияи ҷиноӣ (Интерпол) ё Кумитаи иҷроияи Маркази минтақавии зиддитеррористии Созмони ҳамкории Шанхай истифода бурдан мумкин аст.

**Моддаи 7**

1. Тарафҳо муколамаи байни динҳо ва фарҳангҳоро дастгирӣ менамоянд, ки дар мавриди зарурат созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва созмонҳои дигари

ҷомеаи шаҳрвандиро фаро гирифта, бо шартӣ риоя намудани қонунгузории дахлдор бо мақсади пешгирӣ кардани вазъияти муташаннич истифода карда мешавад, ки ба содир гардидани ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта сабаб шуда метавонанд.

2. Ҳар як Тараф мувофиқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ дар мубориза бар зидди терроризм, дар сатҳи миллӣ тадбирҳое андешида метавонад, ки масъалаҳои зеринро дар бар гиранд:

1) арзёбии давра ба давраи ҳуҷҷатҳои қонуние, ки мубориза ба муқобили терроризм ва тадбирҳои амалиро бо назардошти самаранокии онҳо танзим мекунанд;

2) ҳамкорӣ бо созмонҳои дахлдори байналмилаливу минтақавӣ дар бобати андешидан ва амалӣ сохтани тадбирҳои тақвияти мубориза бар зидди терроризм, аз ҷумла гузаронидани машқҳо барои пешгирӣ кардани амалиёти террористӣ мусоидат менамоянд;

3) ташкили мақом ё мақомоте, ки фаъолияти мақомоти дахлдори Тараф дар мубориза ба муқобили терроризм ҳамоҳанг месозанд;

4) такмили маҳорати касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти дигар, ки бар зидди терроризм мубориза мебаранд, инчунин таъминоти зарурии молиявӣ, моддӣ ва таъминоти дигари фаъолияти ин мақомот ва кормандони онҳо;

5) додани музди кор ва ҳавасманд гардонидани шахсоне, ки ба мақомоти давлатӣ барои пешгирӣ ва қатъ намудани ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта ва муқаррар намудани шахсоне, ки ҷиноятҳоро тайёр мекунанд ва содир менамоянд, мусоидат карданд;

6) ба воситаи қонун муайян кардани маздудиятҳое, ки ҷорӣ намудани онҳо бо мақсади пешгирии амалиёти террористӣ имконпазир мебошад;

7) тақвияти ҳимояи шахсони воқеӣ ва иншооте, ки афзун гардонидани самараи ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқро бо шахсҳои ҳуқуқии дахлдор ба зимма гирифтаанд, ҷорӣ намудани меъёрҳо барои ҳимояи беҳтари шахсони воқеӣ ва иншоот пешбинишуда;

8) ҳимояи шахсони ҷабрдида, шоҳидон ва иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноӣ, инчунин дар мавриди зарурат ҳимоя намудани шахсони дигар, ки дар мубориза ба муқобили терроризм саҳм гузоштаанд;

9) муқаррар сохтан ва ҷорӣ намудани меъёрҳои ҳаммонандкунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба содир намудани ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта шарикбуда;

10) бо шароиту имкониятҳои зарурӣ таъмин кардани шахсони ҳуқуқӣ дар бобати расонидани кӯмак ба давлат барои пешгирӣ кардан ва ошкор сохтани ҷиноятҳои ба нақшагирифташуда ё содиршавандаи дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта, ки дар иншооти онҳо содир карда мешаванд;

11) муосидат ба иштироки созмонҳои ғайриҳукуматӣ, гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида дар мубориза бар зидди терроризм ва ба вуҷуд овардани ҳисси бадбинӣ нисбат ба терроризм дар ҷомеа;

12) вусъати маърифати ҷомеа дар бобати хавфи терроризм ва оқибатҳои манфии он, инчунин масъулият барои содир кардани ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта;

13) таъмини шароиту имконият барои аҳолӣ ҷиҳати хабар додан ба мақомоти давлатӣ, аз ҷумла бе маълум намудани номи шахс дар бораи амалиёте, ки ҳамчун ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта баррасӣ карда мешаванд.

3. Тарафҳо илова ба тадбирҳои дар Конвенсияи мазкур пешбинишуда барои пешгирии ҷиноят тадбирҳои нисбатан қатъӣ андешида метавонанд.

## Моддаи 8

Тарафҳо бо назардошти принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ барои тақвияти мубориза бар зидди маблағгузории терроризм тадбирҳои қонунӣ ва тадбирҳои дигар андешида метавонанд, ки ҷиҳатҳои зеринро дар бар мегиранд:

1) ба қайд гирифтани маълумот дар бораи мизоҷон, муомилоти молиявӣ ва нигоҳ доштани маълумоти мазкур;

2) додани маълумот ба мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо дар бораи амалиёт ва муомилоти шубҳанок ва аз ҷиҳати иқтисодӣ ба мақсад номувофиқ;

3) бо супориши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё мақомоти дигари муайяннамудаи Тарафҳо боздоштани муомилоти молиявӣ, ки хусусияти ғайриқонунӣ, шубҳанок ё аз ҷиҳати иқтисодӣ ба мақсад номувофиқ доранд;

4) тибқи дархости суд, мақомоти прокуратура, тафтишоти пешакӣ ва мақомоти дигари ваколатдори Тарафҳо пешниҳод кардани маълумот ва ҳуҷҷатҳо.

## Моддаи 9

1. Тарафҳо барои кирдори ҷиноятӣ эътироф намудани кирдорҳои қасдонаи зерин тадбирҳои зарурии қонунӣ меандешанд:

1) амали террористӣ;

2) ин ё он кирдоре, ки дар яке аз созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм ҳамчун ҷиноят эътироф шудааст ва ҳамаи Тарафҳо иштирокчии он мебошанд;

3) таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо мақсади истифодаи он барои банақшагирӣ, ташкил, тайёр кардан ва содир намудани яке аз ҷиноятҳои дар зербандҳои 1, 2, 4-10 банди мазкур нишондодашуда, ё бо ҳамин мақсадҳо ташкил кардани гурӯҳи ҷиноӣ, воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, даста ё иттиҳоди ҷиноятӣ;

4) даъвати оммавӣ ба терроризм ё ба таври оммавӣ ҳақ баровардани терроризм, яъне паҳн кардани ин ё он мурочиатнома дар байни ҷомеа бо мақсади водор сохтани одамон ба содир кардани яке аз ҷиноятҳои дар зербандҳои 1-3, 5-10- и банди мазкур нишондодашуда ё изҳороти оммавӣ дар бораи эътирофи терроризм аз ҷониби эҳтиёҷмандони дастгирӣ ва пайравӣ ба ин зуҳуроти номатлуб;

5) ҷалбкунӣ ё бо усулҳои дигар ҷалб кардани одамон барои иштирок дар омода сохтан ё содир намудани яке аз ҷиноятҳои дар зербандҳои 1-4 ва 6-10-и банди мазкур нишондодашуда;

6) тайёр кардани одамон барои содар кардан ё мусоидат ба содир кардани яке аз ҷиноятҳои дар зербандҳои 1-5 ва 7-10-и банди мазкур нишондодашуда;

7) иштирок дар фаъолияти ташкилоти террористӣ;

8) таъминоти молиявии фаъолияти терроризм, яъне ҷамъ овардан ё пешниҳод кардани маблағ ё хизматрасонии молиявӣ, ки дидаю дониста барои таъминоти фаъолияти молиявӣ барои ташкил, тайёр намудан ва содир кардани яке аз ҷиноятҳои дар зербандҳои 1-7, 9 ва 10-и банди мазкур нишондодашуда ё таъмини фаъолияти ташкилоти террористӣ;

9) бо аслиҳа, маводи тарканда ё воситаҳои дигар таъмин намудани одамон ва ташкилотҳои террористӣ барои содир кардани ҷиноятҳои дар зербандҳои 1-8 ва 10-и банди мазкур нишондодашуда;

10) ба шахсони дар содир намудани яке аз ҷиноятҳои дар зербандҳои 1-9-и банди мазкур нишондодашуда гумонбаршуда ё гунаҳкор донисташуда, пинҳонгоҳ, расонидани кӯмаки молиявӣ, мусоидат ба фирор, инчунин додани маълумоти бардурӯғ дар бораи онҳо.

2. Тарафҳо метавонанд мувофиқи қонунгузории миллии худ барқасдона пинҳон кардан, ҳамлу накл, харидан ё миёнаравӣ зимни фурӯши моликияти ба шахсони дар содир намудани ин ё он ҷинояти дар банди 1-и ҳамин модда нишондодашуда гумонбаршуда ё гунаҳкорро ҳамчун кирдори ҷиноятӣ эътироф намоянд.

3. Кирдорҳои дар зербандҳои 3-10 банди 1 моддаи мазкур нишондодашуда новобаста ба таври воқеӣ содир шудани амали террористӣ ё аз тарафи шахсони ҷалбшуда ё таълимгирифта дарк намудани хусусияти террористии амали худ ҳамчун ҷиноят шуморида мешаванд.

4. Тарафҳо инчунин вазифадоранд, ки барои ҳамчун кирдори ҷиноятӣ эътироф кардани шарикӣ, тайёрӣ ва сӯиқасд дар содир намудани ин ё он ҷинояти дар банди 1 моддаи мазкур нишондодашуда тадбирҳои зарурии қонунӣ андешанд.

**Моддаи 10**

1. Тарафҳо барои роҳ надодан дар қаламрави худ ба ҳамдастии шахсони ҳуқуқӣ ба амалҳое, ки ҳамчун ҷиноят дар Конвенсияи мазкур ифода ёфтаанд, бо назардошти принсипҳои ҳуқуқии қонунгузории худ тадбирҳои дигари зарурӣ меандешанд.

2. Ҳар як Тараф тадбирҳое меандешад, ки барои муқаррар намудани масъулияти шахсони ҳуқуқӣ дар мавриди ҳамдастии онҳо ба яке аз ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта талаб карда мешаванд.

3. Дар мавриди риоя кардани принсипҳои ҳуқуқии Тарафҳо ҷавобгарии шахсони ҳуқуқӣ ҷиноятӣ, ҳуқуқии граждани ё маъмурӣ буда метавонад.

4. Муқаррар намудани ҷавобгарии шахсони хуқуқӣ ҷавобгарии ҷиноятии шахсони воқеиеро истисно намекунад, ки дар фаъолияти он иштирок карда, ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфтаро содир намудаанд.

5. Тарафҳо нисбат ба шахсони ҳуқуқии ба содир намудани ҷиноятҳои дар Конвенсиян мазкур ифодаёфта андешидани тадбирҳои зерин масъул мебошанд:

1) огоҳӣ;

2) ҷарима;

3) мусодираи молу мулки шахси ҳуқуқӣ;

4) боздоштани фаъолияти шахси ҳуқуқӣ;

5) манъ намудани навъҳои алоҳидаи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ;

6) барҳам додани шахси ҳуқуқӣ.

6. Тарафҳо тадбирҳои қонуние меандешанд, ки ба ташкилоти террористӣ эътироф намудани шахси ҳуқуқӣ ва барҳам додани он бо қарори суд ё мақоми дигари салоҳиятдори мувофиқи қонунгузории миллӣ муқарраршуда дар мавриди аз Тарафи шахси ҳуқуқӣ тайёр кардан, ташкил намудан ва содир намудани кирдори ҷиноятии дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта имкоият фароҳам меоранд. Чунин тадбирҳо дар мавридҳое андешида мешаванд, ки тайёр кардану ташкил намудан ва содир намудани ҷиноятҳои дар ҳамин Конвенсия ифода ёфтаро шахсе содир мекунад, ки фаъолияти шахси ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои онро таҳти назорат гирифтааст.

7. Муқаррароти моддаи мазкур дар мавриди ҳамдастию шарикӣ ба ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта, намояндагиҳо ва филиалҳои шахсони ҳуқуқии хориҷии дар қаламрави Тарафҳо амалкунанда татбиқ карда мешаванд.

## Моддаи 11

1. Тарафҳо кирдорҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфтаро ҳамчун ҷиноят баррасӣ менамоянд, ки ба Тарафи дигар додан ва супоридани маҳкумшудагон ва расонидани кӯмаки ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд.

2. Дар ҳар гуна шартномаи ба Тарафи дигар супоридани ҷинояткорон, ки дар байни ҳамаи Тарафҳо амал мекунад, ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта ҳамчун ҷинояте баррасӣ карда мешавад, ки ба тарафи дархосткунанда супоридани ҷинояткорро пешбинӣ менамояд. Тарафҳо вазифадор мешаванд, ки чунин амалиёти ҷинояткоронаро ҳамчун ҷинояте эътироф намоянд, ки ба Тарафи дигар супоридани шахсони гунаҳкорро пешбинӣ хоҳанд кард. Дар ин бора байни онҳо созишномаҳои дахлдор имзо карда мешавад.

3. Агар Тарафе, ки супоридани ҷинояткорро ба мавҷудияти шартнома вобаста карда, аз Тарафи дигар дар бораи супоридани ҷинояткор дархост талаб кунад ва байни онҳо чунин шартнома имзо нашуда бошад, Тарафи дархостшаванда Конвенсияи мазкурро барои супоридани ҷинояткор барои содир кардани ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта асоси қонунӣ шуморида метавонад. Инчунин ҷинояткорро мувофиқи шартҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Тарафи дархостшаванда супоридан мумкин аст.

4. Тарафҳое, ки супоридани ҷинояткорро ба мавҷудияти шартнома вобаста намекунанд, дар муносибатҳои ҳамдигар ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфтаро ҳамчун ҷиноятҳое эътироф карда метавонанд, ки бо риояи шартҳои мувофиқи қонунгузории Тарафи дархостшаванда супоридани ҷинояткорро муқаррар менамоянд.

5. Вақте, ки дар масъалаи супоридани ҷинояткор ва расондани кӯмаки ҳуқуқӣ риояи принсипи эътирофи дуҷонибаи амали дахлдори ҷиноятӣ талаб

карда мешавад, ин принсип новобаста ба он ки қонунгузории Тарафи дархостшаванда кирдори ҷиноятиро ба ҳамон гурӯҳӣ ҷиноятҳо мансуб медонад ё онро ба воситаи истилоҳҳое, ки ҳамчун Тарафи дархостшаванда ифода мекунад, риояшуда ҳисоб карда мешаванд.

6. Ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфтаро бо мақсади супоридани ҷинояткор ҳамчун ҷинояти дар қаламрави Тарафи дахлдор содиршуда новобаста ба маҳалли воқеии содир шудани онҳо дар ҳудуди қонунҳои ҷиноии Тарафи додашуда баррасӣ кардан мумкин аст, ки мувофиқи моддаи 5 Конвенсияи мазкур муқаррар карда шудаанд.

7. Муайян кардани ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта ва асосҳои масъулияти шахсони ҳуқуқии ба содир кардани онҳо шарик ба доираи қонунгузории дохилии Тарафҳо дохил карда мешавад.

8. Мувофиқи дархости Тарафҳо, ки дар бораи содир шудани ҷиноят ҳукм баровардаанд ё Тарафи дигаре, ки шахси маҳкумшуда шаҳрванди он мебошад ва ҷинояти дар Конвенсияи мазкур содиршуда бо розигии он дар асоси шартномаҳои амалкунанда ё паймони дуҷониба барои додани ҷазо дар Тарафе, ки шахси маҳкумшуда шаҳрванди он мебошад, супорида мешавад.

9. Агар Тарафи дархостшаванда, ки шахси яке аз ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфтаро содир кардааст дар қаламрави он бошад ва ҷинояткорро бо далели он ки ӯ шаҳрванди ин Тараф мебошад, ба тарафи даъвогар насупорад, вазифадор аст, ки дар асоси маводи мавҷуда, аз ҷумла маводи парвандаи ҷиноии ба он додаи тарафи даъвогар, шахси ҷинояткорро ба ҷавобгарӣ кашида, мувофиқи қонунгузории миллии худ ҷазо диҳад.

## Моддаи 12

1. Мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо бо мақсади пешгирии терроризм ва мубориза ба муқобили он тибқи дархост ё бо ташаббуси худ маводи зарурӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳо, мавод, иттилоот ва маълумотро доир ба масъалаҳои дар Конвенсияя мазкур ифодаёфта ба ҳамдигар пешниҳод менамоянд.

2. Маълумоти дар банди 1 ҳамин модда нишоддодашуда тибқи дархости мақоми салоҳиятдори тарафи дархосткунанда бо он шарте, ки маълумоти мазкур ба ягон Тарафи дигар бе розигии хаттии мақоми салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда дода намешавад, пешниҳод карда хоҳад шуд.

3. Мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо воқеияти пешниҳоди дархост ва мазмуну мундариҷаи онро махфӣ нигоҳ дошта, онро танҳо бо мақсади иҷрои дархост истифода мебаранд, агар ин дар байни мақомоти салоҳиятдори Тарафи дархосткунанда мувофиқа шуда бошад; онҳо маълумоти дархостшудаи тарафи дархосткунандаро комилан махфӣ нигоҳ дошта, онҳоро танҳо барои тафтиш, мурофиаи судӣ ё иҷрои тадбирҳои пешбининамудаи дархост истифода мебаранд.

## Моддаи 13

1. Дархост дар асоси ҳамин Конвенсия ва қонунгузории Тарафи дархостшаванда иҷро карда мешавад.

2. Мақоми салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда зимни иҷрои он қонунгузории Тарафи худро истифода бурда метавонад, агар мувофиқи қонунгузории Тарафи дархостшаванда тартиботи дигар муқаррар нашуда

бошад. Татбиқи қонунгузории Тарафи дархосткунанда набояд ба соҳибихтиёрӣ ва амнияти миллии Тарафи дархостшаванда зиён расонад.

**Моддаи 14**

1. Дархост ба таври хаттӣ пешниҳод карда мешавад ва бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

1) номи мақомоти салоҳиятдори Тарафҳои дархосткунанда ва дархостшаванда;

2) мавзӯъ ва асоснокии дархост;

3) моҳияти масъала, ки ба парвандаи ҷиноӣ дахл дорад (рӯз, маҳал ва вазъияту ҳолати содир шудани ҷиноят), ки аз рӯи онҳо тадбирҳои таъҷилии ҷустуҷӯӣ, тафтишот ё мурофиаи судӣ гузаронида мешаванд;

4) матни ҳуҷҷатҳои дахлдори меъёрию ҳуқуқӣ, агар фиристодани онҳо имконнопазир бошад, мазмуни мухтасари онҳо, инчунин изҳорот дар бораи тадбирҳои дархостшаванда ё тадбирҳои дигаре, ки чунин натиҷа медиҳанд. Онҳоро дар қаламрави Тарафи дархостшаванда мувофиқи қонунгузории миллии он амалӣ кардан мумкин аст;

5) дар маврида зарурат додани дастур дар бораи дараҷаи маҳдудияти дастрас намудани маълумот дар бораи ҷиноят талаб карда мешавад.

2. Дархост дар бораи андешидани тадбирҳои ҷавобгарӣ нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ ғайр аз маълумоти дар банди 1 моддаи мазкур нишондодашуда бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

1) номи шахси ҳуқуқӣ, маълумот дар бораи маҳалли будубоши он, суроға ва маълумот дар бораи роҳбарон;

2) тадбирҳои ба ҷавобгарӣ кашидани ҷинояткорон;

3) маълумот дар бораи тадбирҳои мушаххас, ки бояд тибқи дархости Тарафи дархосткунанда иҷро карда шаванд;

4) маълумот дар бораи моликияте, ки бояд ба ҳабс гирифта ё мусодира карда шаванд (маҳалли воқеияти моликияти ба ҷиноят муносибатдошта, инчунин ҳар гуна маълумот дар бораи ҳуқуқи шахсони дигар ба ин моликият);

5) нусхаи тасдиқшудаи ҳукми суд ё мақоми дигари салоҳиятдори ҷониби дархостшаванда ва мазмуну мундариҷаи мухтасари ҳукми суд;

6) баёни далелҳое, ки Тарафи дархостшаванда онҳоро асос мекунад ва далелҳое, ки бояд барои Тарафи дархостшаванда барои ба миён гузоштани масъалаи қабули қарор дар бораи иҷрои ҳукми суд дар асоси қонунгузории худ асоси кофӣ дошта бошад.

3. Дар мавриди пешниҳоди дархост барои пурсиши шахс ҳамчун гумонбаршаванда ё айбдоршаванда ба он бояд нусхаҳои тасдиқшудаи маводи зарурии парвандаи ҷиноятӣ замима карда шаванд.

4. Тарафи дархостшаванда ба Тарафи дархосткунанда на дертар аз 30 рӯз аз рӯзи ворид гардидани дархост хабар медиҳад, агар роҷеъ ба ҳар воқеаи мушаххас паймони дигар набошад:

1) дар бораи тадбирҳое, ки тибқи дарҳост андешида мешавад ва натиҷаи онҳо;

2) дар бораи ҳар гуна ҳолатҳое, ки ба иҷрои дархост халал расонида ё иҷрои онро ба таври ҷиддӣ кашол медиҳанд.

5. Тарафи дархостшаванда ба Тарафи дархосткунанда дар ин бора фавран хабар медиҳад:

1) дар бораи аз нав дида баромадани масъала ё ҳолатҳои дигар, ки вобаста ба онҳо қарори андешидани тадбирҳои гунаҳкор сохтан нисбати шахсҳои ҳуқуқӣ пурра ё қисман эътиборашро аз даст медиҳад;

2) дар бораи тағйироте, ки вобаста ба онҳо андешидани тадбирҳо мувофиқи Конвенсияи мазкур ғайри қобили қабул дониста мешавад.

6. Тарафи дархосткунандаи татбиқи тадбирҳои гунаҳкоркунӣ дар асоси ҳамон як қарори нисбат ба шахси ҳуқуқӣ қабулшуда дар назди якчанд Тараф дар ин бора ба ҳамаи Тарафҳои ба иҷрои ҳамин қарор манфиатдор хабар медиҳад.

## Моддаи 15

1. Мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо дархостҳоро дар ин хусус иҷро мекунанд:

1) дар бораи супоридани шахс барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё иҷрои ҳукми суд;

2) дар бораи гузаронидани амалиёти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

3) дар бораи гузаронидани ҳаракатҳои алоҳидаи мурофиавӣ, аз ҷумла:

а) ташхисҳо;

б) пурсиши шахсони гумонбар, айбдор, шоҳидон, ҷабрдидагон ва шахсони дигар;

в) кофтуков ва ёфта гирифтан;

г) додани далелҳои шайъӣ;

д) ба ҳабс гирифтани моликият;

е) супурдан ва фиристодани ҳуҷҷатҳо;

ж) ҳаракатҳои дигари мансуб ба салоҳияти онҳо;

4) дар бораи таъмини далелҳо;

5) дар бораи истифодаи тадбирҳои ҷавобгарӣ нисбат ба шахсҳои ҳуқуқӣ;

6) дар бораи муқаррар намудани маҳалли будубоши шахсони воқеии ба содир кардани ақалан яке аз ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта гумонбаршуда;

7) дар бораи муқаррар намудани маҳалли ҷойгиршавии моликияте, ки бояд мусодира карда шавад;

8) дар бораи ҳолатҳо ва масъалаҳои дигари марбут ба доираи татбиқи Конвенсияи мазкур дохилшаванда.

## Моддаи 16

1. Дархостро роҳбари мақомоти салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда ё шахсе, ки онро иваз кардааст, имзо мекунад ва (ё) бо мӯҳр тасдиқ карда мешавад.

2. Дар мавридҳои таъхирнопазир дархостро ба таври шифоҳӣ пешниҳод кардан мумкин аст, дар ин маврид дархост ва ҳуҷҷатҳои замимашаванда на дертар аз 72 соат ба таври хаттӣ тасдиқ карда мешаванд. Онҳо бояд дар мавриди зарурат бо истифодаи воситаҳои техникии интиқоли матн фиристода шаванд.

3. Дар мавриди ба миён омадани шубҳа дар бобати аслияти дархост ё мазмуну мундариҷаи он шарҳу тавзеҳи иловагӣ талаб кардан мумкин аст.

4. Дар мавриди бисёр будани дархостҳои мувофиқи Конвенсияи мазкур воридгардида ва ба як ҳолат дахлдошта Тарафи дархостшаванда мустақилона муайян менамояд, ки кадоме аз дархостҳо бояд дар навбати аввал иҷро карда шавад.

5. Агар иҷрои дархост ба ваколати мақоми салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда дахл надошта бошад, он дар ин маврид фавран ба мақоми дигари давлати худ муроҷиат мекунад, ки ба иҷрои дархост ваколат дорад ва дар ин бора фавран ба мақоми салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда хабар медиҳад.

6. Мақоми салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда метавонад маълумоти иловагии ба ақидаи ӯ барои иҷрои дархост зарурбударо талаб намояд.

**Моддаи 17**

1. Мақоми салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда метавонад андешидани тадбирҳои иҷрои дархостро ба мӯҳлати дигар гузаронад, агар ин тадбирҳо ба гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳаракатҳои тафтишотӣ ё мурофиаи судӣ, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда анҷом дода мешавад, халал расонад.

2. Мақоми салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда метавонад, дар мавриди зарар расонидани дархости Тарафи дархосткунанда ба истиқлолият, амнияти миллӣ ё мухолифат доштани он бо қонунгузории Тарафи дархостшаванда, иҷрои онро рад кунад.

3. Мақоми салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда пеш аз рад кардан ё ба мӯҳлати дигар гузаронидани иҷрои дархост дар мавриди зарурат бо мақоми салоҳиятдори Тарафи дархосткунанда, ки дархостро фиристодааст, маслиҳату машварат мекунад.

4. Мақоми салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда дар мавриди рад кардан ё ба мӯҳлати дигар гузаронидани иҷрои дархост дар ин бора ба Тарафи дархосткунанда фавран хабар дода, сабабҳои онро ҳатман нишон медиҳад.

**Моддаи 18**

1. Тарафе, ки шахсони ба содир кардани ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта, гумонбар ё гунаҳкорро таъқиб ва ҷустуҷӯ мекунад, дар мавриди муқаррар намудани маҳалли будубоши онҳо дар қаламрави Тарафи дигар, метавонад баъди гирифтани иҷозати мақомоти салоҳиятдори ин Тараф кормандони худро барои иштирок дар чорабиниҳои дахлдори оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ҳаракатҳои тафтишотӣ ба қаламрави Тарафи дархостшаванда фиристад.

2. Кормандони мақомоти салоҳиятдори ба Тарафи дигар фиристодашуда дар чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ҳаракатҳои тафтишотӣ дар қаламрави Тарафи дархостшаванда мувофиқи қонунгузории он ва созишномаю қарордодҳои байналмилалӣ иштирок карда метавонанд, ки Тарафҳо иштирокчии онҳо мебошанд.

3. Тарафи дархостшаванда тартиби додани иҷозати иштироки кормандони Тарафи дигарро дар чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ҳаракатҳои

тафтишотӣ дар асоси дархост муайян менамояд, ки мувофиқи моддаҳои 14-18 Конвенсияи мазкур ба расмият даровварда шудаанд.

4. Дар мавриди фиристодани кормандони мақомоти салоҳиятдор барои иштирок дар чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ҳаракатҳои тафтишотӣ дар дархост ба таври илова дар ин хусус бояд маълумотҳои зерин дода шавад:

1) маълумот дар бораи кормандони фиристодашуда;

2) ҳадафи сафари хидматии онҳо, номгӯи чорабиниҳои, оперативӣҷустуҷӯӣ ва ҳаракатҳои тафтишотӣ, тартиб ва мӯҳлати амалисозии онҳо;

3) дар мавриди истифодаи нақлиёт, маьлумот дар бораи онҳо, аз ҷумла навъи воситаҳои нақлиёт, шумора ва рақами бақайдгирии онҳо;

4) маълумоти дигари зарурӣ.

5. Қарор оид ба дархостро мақоми салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда на дертар аз 5 рӯз пас аз ворид гардидани дархост қабул карда, дар ин бора фавран ба мақоми салоҳиятдори Тарафи дархосткунанда хабар медиҳад. Чунин қарорро мувофиқи шартҳои муайяннамудаи мақоми салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда мувофиқа кардан мумкин аст.

6. Агар дархости гирифтани иҷозат бе назардошти талаботи дар банди 4 моддаи мазкур зикршуда тартиб дода шуда бошад ё маълумот нопурра пешниҳод шуда бошад, мақоми салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда ҳақ дорад, ки маълумоти иловагӣ талаб кунад.

7. Кормандони мақомоти салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда, ки мувофиқи тартиби муқарраршуда ба қаламрави Тарафи дархосткунанда омадаанд, вазифаҳои худро мувофиқи конунҳои ҳамин Тараф ва шароите, ки иҷрои вазифаҳояшонро танзим менамояд, иҷро менамоянд.

8. Кормандони мақомоти салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда, ки дар қаламрави Тарафи дархосткунанда дар чорабиниҳои оперативӣ- ҷустуҷӯӣ ва ҳаракатҳои тафтишотии аз ҷониби кормандони мақомоти салоҳиятдори Тарафи дархосткунанда гузаронидашаванда, иштирок мекунанд, вазифадоранд:

1) қонунгузории Тараферо, ки дар қаламрави он қарор доранд риоя карда, инчунин ба талаботи қонунии мақомоти Тарафи будубош итоат намоянд;

2) маълумоти бадастовардаашонро ба Тарафи дархосткунанда пешниҳод кунанд.

9. Иштирок дар чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ҳаракатҳои тафтишотӣ дар баробари аз ҷониби мақоми ваколатдори Тарафе, ки дар қаламрави он гузаронида мешавад ба миён гузоштани ин талабот қать карда мешаванд.

10. Тарафҳо аз рӯи муқаррароти пешбининамудаи моддаи мазкур байни худ созишномаи алоҳида ба имзо расонда метавонанд.

**Моддаи 19**

Далелҳои бадастовардаи мақомоти салоҳиятдори Тарафи дархостшаванда дар натиҷаи иҷрои дархост мувофиқи қонунгузории он дар Тарафи дархосткунанда низ аҳамияти исботкунандагӣ доранд.

**Моддаи 20**

1. Тарафи дархостшаванда дар мавриди иҷрои қарор дар бораи мусодираи моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба содир шудани ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур нишондодашуда шарик буда, қарори суди Тарафи дархосткунандаро нисбати ҳуқуқи шахсони сеюм эътироф менамояд.

2. Чунин эътирофро дар мавридҳои зерин рад кардан мумкин аст, агар:

1) шахсони сеюм барои баёни ҳуқуқҳояшон имконияти кофӣ надошта бошанд;

2) шахсони сеюм дар бораи ҳуқуқояшон маълумоти қатъӣ ва асоснок пешниҳод намоянд;

3) қарор ба қарори қаблан қабулнамудаи Тарафи дархостшаванда роҷеъ ба ҳамин масъала мухолифат кунад;

4) қарор ба қонунгузории Тарафи дархостшаванда мухолиф бошад;

5) қарор бар хилофи муқаррароти марбут ба асосҳои ҳуқуқии дар қонунгузории Тарафи дархостшаванда пешбинишуда қабул шуда бошад.

**Моддаи 21**

1. Ҳуҷҷатҳое, ки мувофиқи Конвенсияи мазкур фиристода мешаванд, аз тамоми расмиятҳои қонунигардонии онҳо озод мебошанд.

2. Ҳуҷҷатҳое, ки дар қаламрави яке аз Тарафҳо дода шудаанд ё онҳоро мақомот ё шахси махсус барои иҷрои ин амал ваколатдоршуда дар доираи салоҳияти он мувофиқи шакли муқарраршуда тасдиқ намудааст ва онҳо бо мӯҳр тасдиқ карда шудаанд, дар қаламрави ҳамаи Тарафҳои дигар беягон рухсатномаи махсус қабул карда мешаванд.

3. Ҳуҷҷатҳое, ки дар қаламрави яке аз Тарафҳо ҳамчун ҳуҷҷатҳои расмӣ баррасӣ мегарданд, дар қаламрави Тарафҳои дигар қувваи исботкунандаи ҳуҷҷати расмӣ доранд.

**Моддаи 22**

1. Мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо дар масъалаҳои ба Конвенсияи мазкур дахлдор ҳуҷҷатҳои расмиро дар бораи шахсони воқеию ҳуқуқии дар қаламрави Тарафҳои дигарбуда бо роҳҳои дипломатӣ ё роҳҳои дигар, инчунин ба воситаи мақомоти салоҳиятдори Тарафи дигар фиристода метавонанд.

2. Мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо роҷеъ ба масъалаҳои дар Конвенсияи мазкур ба миён гузоштташуда ба ҳамдигар зимни супоридани ҳуҷҷатҳои расмӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кӯмак мерасонанд.

**Моддаи 23**

Тарафҳо барои роҳ надодан ба гирифтани мақоми гуреза ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мақоми мазкур ба шахсони ба ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур ифодаёфта дахлдошта тадбирҳои зарурӣ меандешанд.

**Моддаи 24**

1. Як Тараф аз рӯи дархости Тарафи дигар барои таъмини масъулияти шахси ҳуқуқии ба содир намудани ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур нишондодашуда дахлдошта тадбирҳои зарурӣ меандешад, аз ҷумла:

1) ба ҳабс гирифтани моликият, ки баъдан онро мусодира кардан мумкин аст;

2) боздоштани муомилоти молиявӣ;

3) боздоштани навъҳои алоҳидаи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ (радио ва телевизион, нашрияҳои воситаҳои ахбори оммавӣ, аз ҷумла электронӣ).

2. Тадбирҳои пешбининамудаи банди 1 моддаи мазкур мувофиқи қонунгузории Тарафи дархостшаванда ва Конвенсияи мазкур амалӣ карда мешаванд.

3. Пеш аз бекор кардани тадбирҳои пешбининамудаи Конвенсияи мазкур, Тарафи дархостшаванда ба Тарафи дархосткунанда ҳуқуқи баён намудани далелҳои худро ба фоидаи иҷрои ин тадбирҳо пешниҳод менамояд.

**Моддаи 25**

1. Тарафе, ки дар бораи амалӣ сохтани тадбирҳои ба ҷавобгарӣ кашидани шахси ҳуқуқӣ (сохторҳои тобеи он), ки ба содир кардани яке аз ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур нишондодашуда ва моликияти дар қаламрави он будаи шахсони ҳуқуқӣ ё дар қаламрави он фаъолият кардани онҳо дархост гирифтааст:

1) ё қарори суд ё мақоми дигари салоҳиятдори Тарафи дархосткунандаро дар бораи татбиқи тадбирҳои ҷавобгарӣ иҷро мекунад;

2) ё дар асоси далелу хулосаҳои дар қарори Тарафи дархосткунанда нишондодашуда мувофиқи қонунгузории худ роҷеъ ба татбиқи тадбирҳои дархостшавандаи ҷавобгарӣ мурофиаи судӣ мегузаронад.

2. Чораҳои ҷавобгарӣ нисбат ба шахси ҳуқуқӣ мувофиқи қонунгузории Тарафи дархостшаванда татбиқ карда мешаванд.

**Моддаи 26**

Тарафҳо мувофиқи қонунгузории миллӣ бо мақсади таъмини мусодираи молу мулк тадбирҳои зеринро амалӣ месозанд:

1. ба пул, қоғазҳои қиматнок, молҳои қиматбаҳо, аслиҳа, қисмҳои эҳтиётии он, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва моликияти дигар ҳабс гузоранд, ки барои истифода ҳамчун олоти содиркунии ҷиноят ё барои маблағгузории яке аз ҷиноятҳои дар Конвенсияи мазкур нишондодашуда истифода карда мешаванд;

2. гарифтани маблағҳои пулӣ мувофиқи арзиши ҳамин гуна моликият таъмин гарданд, агар ҳабси молу мулки дар моддаи мазкур нишондодашуда имконнопазир бошад.

**Моддаи 27**

1. Дархости марбут ба мусодираи моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии мувофиқи Конвенсияи мазкур фиристодашуда ба ҳуқуқи Тарафи дархостшаванда барои иҷрои қарори худ оид ба мусодираи моликияти ҳамин шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ дахолат намекунад.

2. Арзиши умумии моликияти мувофиқи дархост мусодирашаванда набояд аз маблағи дар қарори мусодира нишондодашуда зиёд бошад. Агар яке аз Тарафҳо хулоса барорад, ки арзиши моли мусодирашаванда аз арзиши дар қарор нишондодашуда зиёд буда метавонад, Тарафҳо бо мақсади пешгирии оқибатҳои он машварат мегузаронанд.

3. Баъди қонеъ гардонидани талаботи қарздиҳандагон моликияти боқимондаи шахси ҳуқуқӣ мувофиқи асосҳои дар Конвенсияи мазкур пешбинишуда барҳам дода шуда, мусодира мегарданд.

4. Тарафи дархосткунандаи мусодираи моликият нигоҳдории онро таъмин намуда, моликияти мусодирашударо мувофиқи қонунгузории худ ихтиёрдорӣ мекунад.

5. Моликият ё маблағи пулии мусодирашуда, ки ба арзиши моликият мувофиқ мебошад, бо розигии Тарафи дахлдор пурра ё қисман ба Тарафе супорида мешавад, ки дар бораи мусодираи онҳо қарор қабул кардааст.

**Моддаи 28**

Тарафҳо дар мавриди мувофиқа нагардидани тартиби дигар харочоти ичрои Конвенсияи мазкурро мустақилона мепардозанд.

**Моддаи 29**

1. Тарафҳо дар мавриди додани аризаи шикоятӣ рочеъ ба пардохти маблағи зиёни дар натичаи амал ё беамлии ғайриқонунӣ расонидашудаи вобаста ба ҳамкорӣ мувофиқи Конвенсияи мазкур расонидашуда имконияти гузаронидани машваратҳоро бо ҳамдигар барои қабули қарор дар бораи тақсими маблағи пардохти зарар баррасӣ менамоянд.

2. Тарафе, ки дар бораи чуброни зарар даъво пешниҳод намудааст, дар ин хусус ба Тарафи манфиатдор хабар медиҳад.

**Моддаи 30**

Конвенсияи мазкур ҳуқуқи Тарафҳоро дар бобати имзои шартномаю созишномаҳои дигари байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ба Конвенсияи мазкур дахлдошта ва ба ҳадафу мавзӯи он мухолифнабуда, инчунин ба ҳуқуқу вазифаҳои Тарафҳо дахолатнакунанда маҳдуд намесозад, ки аз созишномаҳои дигари байналмилалӣ бармеоянд ва Тарафҳо иштирокчии онҳо мебошанд.

**Моддаи 31**

1. Конвенсияи мазкур ба мӯҳлати номуайян имзо карда мешавад.

2. Конвенсия аз Тарафи давлатҳои онро имзонамуда ба тасвиб расонида мешавад. Тасвибномаҳои он барои нигоҳдорӣ ба маҳфуздоранда супорида мешаванд. Конвенсия баъди 30 рӯзи барои нигоҳдорӣ супоридани тасвибномаи 4-ум эътибери қонунӣ пайдо менамояд.

3. Конвенсияи мазкур барои Тарафҳои онро ба тасвибрасонида баъди ба Тарафи маҳфуздоранда супоридани тасвибномаи 4-ум дар рӯзи 30-юми ба Тарафи маҳфуздоранда супоридани тасвибномаҳо эътибор пайдо хоҳад кард.

4. Маҳфуздорандаи Конвенсияи мазкур Котиботи Созмони ҳамкории Шанхай мебошад.

**Моддаи 32**

1. Давлатҳои дигар, ки муқаррароти Конвенсияи мазкурро эътироф менамоянд, бо розигии ҳамаи давлатҳои аъзои СҲШ бо роҳи фиристодани огоҳнома ба маҳфуздорандаи Конвенсияи мазкур ба он ҳамроҳ шуда метавонанд.

2. Барои давлатҳои ба Конвенсияи мазкур ҳамроҳшаванда огоҳинома дар бораи ҳамроҳ шудани онҳо дар рӯзи 30-юми супоридани тасвибнома ба маҳфуздоранда эътибор пайдо мекунад.

**Моддаи 33**

Конвенсияи мазкур мувофиқи моддаи 102 Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид бояд дар Котиботи Созмони Милали Муттаҳид ба қайд гирифта шавад.

**Моддаи 34**

Ба Конвенсияи мазкур тағйиру иловаҳо ворид кардан мумкин аст, ки ҷузъи ҷудонашавандаи он буда, ба воситаи протоколҳои алоҳида ба расмият дароварда мешаванд. Тағйиру иловаҳоро яке аз Тарафҳо бо роҳи огоҳ кардан ба маҳфуздорандаи Конвенсия пешниҳод мекунад, ки охирин дар ин бора ба Тарафҳои дигар фавран хабар медиҳад.

**Моддаи 35**

Ҳар як Тараф аз Конвенсияи мазкур бо ирсол намудани огоҳиномаи хаттӣ ба маҳфуздоранда на камтар аз 6 моҳ пеш аз санаи баромадан аз Конвенсияи мазкур баромада метавонад. Маҳфуздорандаи Конвенсия дар давоми 30-рӯзи баъди гирифтани огоҳинома дар хусуси баромадан ба Тарафҳои дигар хабар медиҳад.

**Моддаи 36**

Дар мавриди ба миён омадани баҳсу нофаҳмиҳо ва ихтилофоти вобаста ба истифода ва шарҳу баёни муқаррароти Конвенсияи мазкур дар байни Тарафҳо, Тарафҳои манфиатдор онҳоро бо роҳи машварату гуфтушунидҳо ҳал мекунанд.

**Моддаи 37**

1. Забони корӣ дар ҷараёни амадӣ сохтани ҳамкории Тарафҳо дар доираи Конвенсияи мазкур забонҳои хитоӣ ва русӣ мебошанд.

2. Нусхаи аслии Конвенсияи мазкур барои нигаҳдорӣ ба маҳфуздоранда супорида мешавад, ки охирин нусхаҳои тасдиқшудаи Конвенсияи мазкурро ба ҳамаи давлатҳои онро имзокарда мефиристад.

Конвенсия "16" июни соли 2009 дар шаҳри Екатеринбург дар як нусха ба забонҳои русӣ ва хитой ба имзо расида, ҳар ду матн эътибори баробари ҳуқуқӣ доранд.

Аз ҷониби Ҷумҳурии Қазоқистон

Аз ҷониби Ҷумҳурии Халкии
Хитой

Аз ҷониби Ҷумҳурии Қирғизистон

Аз ҷониби Федератсияи Россия

Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон

## Эзоҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Конвенсияи Созмони ҳамкории Шанхай бар зидди терроризм

Қоидаҳои Қонвенсия дар қисмати имконпазир будани татбиқи мусодираи амволи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ҳамчун чораҳои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон татбиқ карда намешаванд, зеро ба қонунгузории миллии он мувофиқат намекунад.

Аз ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон